**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ**
**_______________Сафарзода Д.Ҷ.**
**«__07__» ________соли 2025**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Таҳқиқоти диссертатсионии Фозилов Комрон Ҷамолович дар доираи яке аз бандҳои нақшаи дурнамои корҳои илмӣ - таҳқиқотии кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ барои солҳои 2016-2020» омода гардидааст. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, ки «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» ном гирифтааст, ба ихтисоси 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) пурра мутобиқат менамояд.

Ҳамзамон, дар кори илмӣ истифодаи васеи усулҳои таҳлили таърихӣ, муқоисавӣ, системавӣ ва геополитикӣ мушоҳида мешавад, ки барои ин соҳаҳои илм хос аст.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Омӯзиши равандҳо ва таърихи ҳамкориҳои амниятию иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар даврони истиқлолият дар қаринаи раванди ҷаҳонишавӣ барои кишварҳои рӯ ба инкишоф яке аз масъалаҳои муҳим буда, таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни рушди муносибатҳои байнидавлатӣ бо ин кишварҳо аҳаммияти хоса дорад.

Маҳз пажӯҳиши механизмҳои таҳияи сиёсати муштараки амнияти иттилоотӣ, табодули маълумот, ҳамоҳангсозии талошҳо дар фазои киберфазо, инчунин таҳияи равишҳои муштарак оид ба муқовимат ба маълумоти бардурӯғ ва таблиғоте аҳаммияти ҳалкунанда пайдо мекунад, ки аз манбаъҳои берунӣ ва дохилӣ бароянда, мубрамияти мавзуи диссертатсиониро ташкил медиҳад. Чунончӣ, омӯзиши хатарҳои иттилоотӣ ва ташаккули роҳҳои муассири мубориза бо онҳо дар доираи ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ аҳаммияти муҳими илмию амалӣ дорад. Ин имкон медиҳад, ки на танҳо дарки механизмҳои ҷанги иттилоотии муосир амиқтар шавад, балки стратегияи ҳамаҷонибаи таҳкими амнияти минтақавӣ дар шароити афзоиши рақобати геополитикӣ таҳия карда шавад.

Бо дарназардошти воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба равандҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ фаъолшавии ҳамкориҳо дар самти мубориза бо таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ибтидои асри XXI ба сатҳи сифатан нав баромад, ки бо тағйирёбии низоми муносибатҳои байналмилалӣ, эълони сиёсати “дарҳои боз” қабули Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2002, 2015 ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 алоқамандӣ доранд.

Ҳамкориҳои гуногунҷанба бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфтааст, тадриҷан ба раванди фарогири ҳамгироии сиёсию дипломатӣ ва мубориза бо таҳдиду хатарҳои иттилотии давлати мо бо ин кишварҳо табдил ёфт. Аз ин рӯ, кишварҳои минтақа имрӯз яке аз шарикони боэътимоди Тоҷикистон ҷиҳати рушди устувори соҳаҳои муҳимми ҳаёти амниятӣ ба шумор мераванд.

Диссертатсияи номзадии Фозилов К.Ҷ. дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» ба яке аз масъалаҳои мубрами илми таърихи муносибатҳои байналхалқии Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шуда, омӯзиши он аз аҳаммият холӣ нест. Зеро маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ истиқрор ва густариши ҳамкориҳои амниятию иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин кишварҳо ба роҳ монда шуда, дар ҳоли фатҳи қуллаҳои нав қарор дорад.

Дар ҷаҳони муосир, ки бо афзоиши босуръати ҳаҷми иттилоот ва суръати паҳншавии он тавсиф мешавад, ташаккули фарҳанги нави

иттилоотӣ аҳаммияти ҳалкунанда пайдо мекунад. Қобилияти баҳодиҳии интиқодӣ ба иттилооти гирифташуда ва фарқ кардани далелҳо аз қалбакӣ як ҳалқаи заиф дар занҷири амнияти иттилоотӣ мегардад. Маҳз аз ҳамин осебпазирӣ дар ҳамлаҳои иттилоотӣ, ки ҳадафи он бесубот кардани ҷомеа, паст задани эътимод ба ниҳодҳои ҳукуматӣ ва таҷдиди афкори ҷамъиятӣ мебошад, истифода мешавад.

Ба ақидаи мо мавзуи омӯзишии диссертатсияи Фозилов К.Ҷ. самти нави пажӯҳиши илмӣ ба ҳисоб рафта, мақсади асосии он таҳлили ҷанбаҳои таърихӣ ва ҳамкориҳои амниятию иттилотии он ба шумор меравад. Инчунин омӯзиши хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI таҳлили дурнамои рушди ҳамкориҳо ҳадафи дигари муаллиф дониста шудааст.

Ҳолатҳое, ки мубрам будани диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамоловичро собит месозанд, зиёд буда, бо омилҳои дар боло қайднамуда ба охир намерасанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бомаврид буда, дар он масъалаҳои муҳимми қаблан ҳалнагардидаи илми таърихнигорӣ баррасӣ гардида, аз нигоҳи муаллиф хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқи Фозилов К.Ҷ. на танҳо бо талаботи замони муосир мувофиқ аст, балки дорои аҳаммияти стратегӣ барои рушди минбаъдаи илм ва дипломатияи миллӣ мебошад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти Фозилов К.Ҷ. дар он аст, ки хатарҳои иттилоотӣ, миқёс, сатҳ ва паёмадҳои таъсири онҳо ба фазои иттилоотии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои мазкурро дар чоряки аввали асри XXI таҳлил ва арзёбӣ намояд.

Барои расидан ба ин ҳадафи умумӣ, дар кори илмӣ вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- дақиқ намудани мафҳуму моҳият ва хусусиятҳои хоси хатарҳои иттилоотӣ дар сарчашмаҳо ва адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ;
- муайян кардани асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши хатарҳои иттилоотии замони муосир;
- таҳлили заминаҳо ва сабабҳои пайдоиши хатарҳои иттилоотӣ ва дараҷаи таъсири онҳо ба фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ибтидои асри XXI;

- таҳлили вазъ ва ҳолати фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ибтидои асри XXI;
- омӯзиш ва муқоисаи мавқеъҳо ва бардоштҳои кишварҳои минтақа дар муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ;
- мушаххассозии самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои кишварҳои минтақа дар самти мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ;
- муайян намудани дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ.

Диссертант дар ҷараёни иҷрои таҳқиқ бо такя ба маҷмуи усулҳои илмӣ - таҳлили таърихӣ, системавӣ, муқоисавӣ, таҳлили ҳуҷҷатӣ ва усули муосири таҳлили манбаъҳо тавонистааст, ки масъалаҳои зикршударо бо пайдарҳамӣ ва мантиқ таҳқиқ намояд.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ бо мантиқ ва муҳтавои тамоми кори илмӣ мувофиқ буда, бо натиҷаҳои бадастомада дар тамоми қисматҳои диссертатсия иртиботи мустақим доранд.

**Сатҳи илмии омӯзиши мавзуъ.** Масоили хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI дар таърихнигории ватанӣ ба таври кофӣ инъикос наёфта, таҳқиқоти фарогир дар ин самт то кунун анҷом наёфтааст. Ин аст, ки сатҳи илмии омӯзиши мавзуи диссертатсияи Фозилов К.Ҷ. аз сарчашмаву адабиёти гуногуни илмию соҳавӣ ва дохилию хориҷӣ иборат буда, дар се гурӯҳ тақсимбандӣ шудааст.

Гурӯҳҳои сарчашмаҳо ва адабиёт фарогири китобу асарҳои мутахассисону муҳаққиқони соҳаи амнияти миллию минтақавӣ, амнияти иттилоотӣ, сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи тоҷик, осори шахсиятҳои сиёсӣ ва илмии кишварҳои Осиёи Марказӣ, инчунин осори муҳаққиқони рус, мақолаҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Гурӯҳбандӣ ва ҷамъоварии адабиёти истифодашуда ба муаллиф имкон додааст, ки ҷараёни таҳлили мавзуи таҳқиқотиро осон гардонида, паҳлуҳои гуногуни онро рӯйи қоғаз биоварад. Новобаста аз нокифоя будани маводҳои таҳқиқотӣ ва илмӣ муаллиф дар асоси адабиёти истифодашуда ҷанбаҳои таърихӣ, ҳолати кунунӣ ва дурнамои хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказиро дар чоряки аввали асри XXI мавриди таҳлил қарор додааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии**

**дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович бо назардошти мантиқ, тарҳбандӣ ва амиқи таҳлили илмӣ як тадқиқоти мукаммал ва системавии сатҳи баланди илмӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҷараёни кори илмӣ муаллиф як қатор натиҷаҳои мушаххаси илмӣ ба даст овардааст, ки онҳо дорои навгонии назариявӣ, аҳаммияти илмӣ ва арзиши амалӣ мебошанд. Муаллиф дар рафти таҳқиқот тавонистааст, ки самтҳои асосии ҳамкориҳои амниятии давлатҳои Осиёи Марказиро дар самти мубориза бо таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ бо назардошти афзалиятнокӣ ва равандҳои эҳтимолӣ нишон диҳад.

Махсусан, таҳқиқоти мазкур дорои як қатор навгонии илмӣ мебошад, ки мо онҳоро аз рӯи матни диссертатсия чунин баён карда метавонем:

- мафҳуму моҳият ва ҳудуди семантикии хавфи иттилоотӣ таҳлил шуда, методологияи равиши ягонаи омӯзиши ин масъала пешниҳод карда шуд;
- омилҳо ва заминаҳои пайдоиши таҳдидҳои иттилоотӣ дар ибтидои қарни XXI, инчунин сабабҳои асосии паҳншавии онҳо дар Осиёи Марказӣ муайян ва мушаххас карда шуданд;
- вазъ ва ҳолати фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ, равиш ва бардоштҳои хоси кишварҳои минтақа дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ таҳлил ва муқоиса карда шуданд;
- самтҳои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар роҳи муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ дар чаҳорчӯбаи иттиҳоди ҳамгаройӣ таҳлил карда шуданд;
- мушкилот ва дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ташкили муқовимати муназзам ва самаранок алайҳи хатарҳои иттилоотӣ нишон дода шуданд;
- дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ бо назардошти таҷрибаи ҳосилшуда таҳлил карда шуданд;

**Асоснок ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, натиҷаҳои илмии назариявӣ ва амалии он дар рушди ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти мубориза бо хатарҳои иттилотии таҳдидкунанда мусоидат мекунад. Таҳлили диссертатсияи мазкур, хусусан ақидаҳои илмӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида, асоснок сохтани натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо оид

ба истифодаи амалии натиҷаҳо, ки дар заминаи истифодаи номгӯи адабиёти гуногуни илмӣ ва амалӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот ба даст омадаанд, аз асоснок ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкур шаҳодат медиҳанд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур усулҳои системавӣ, муқоисавӣ, таҳлил ва пешгӯии илмӣ, таҳлил ва баҳогузориҳо истифода шудаанд, ки аҳаммиятнокии мавзуи диссертатсиониро пурмазмун сохтааст.

Бояд қайд намуд, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва пешниҳодҳои ироагардида, метавонанд ҳамчун дастурамал барои фаъолияти мутахассисони соҳаҳои муносибатҳои байналмилалӣ, таърихнигорон, ҷомеашиносон ва онҳое, ки машғули таҳқиқи хатарҳои иттилоотӣ ва ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа дар самти мубориза бо таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ мебошанд, инчунин баҳри татбиқи фаъолияти пурсамари дипломатияи иттилотии Тоҷикистон истифода шаванд.

Натиҷагириҳои муаллиф дар қисмати хулоса боиси зикр буда, дар он роҳҳои муқовимат бо таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ, хусусиятҳои ҳамкориҳо бо назардошти пешомади онҳо бо тавсия ва пешниҳодҳо асоснок карда шудаанд.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот дар корҳои нашргардида.** Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии дар доираи мавзуи таҳқиқот чопгардида, мазмуни диссертатсияро инъикос менамояд.

Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар 7 мақолаҳои илмӣ баён шудааст, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Инчунин нуктаҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодгардида, дар мақолаҳои илмии чопгардида ва дар баромадҳои илмии муаллиф инъикос гардидаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.**

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсия аз мундариҷа, номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда иборат буда, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҳаҷми 181 саҳифаи чопӣ иҷро шудааст.

Боби аввали диссертатсия “**Асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши мафҳуми хатарҳои иттилоотӣ**” номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст. Муаллиф зербоби якуми боби мазкурро “Мафҳум ва мушаххасоти хатарҳои иттилоотӣ дар адабиёти илмӣ” - номгузорӣ намуда, дар он тағйироти куллӣ дар сохтори муносибатҳои байналмилалӣ ва паҳншавии ҷаҳонишавӣ, ҳамзамон бо рушди

технологияҳои рақамӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ, воқеияти нави геополитикӣ – геополитикаи иттилоотиро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст. Ба андешаи муаллиф «Таҳдидҳои иттилоотӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ метавонанд ба паст задани арзишҳои суннатии иҷтимоӣ, аз байн рафтани ҳувияти миллӣ, вайрон кардани низоми сиёсӣ ва тамомияти арзии давлат равона шаванд. Дар ин замина таҳқиқи усулу равишҳои нави муқобила бо хатарҳои иттилоотӣ ва таҳдидҳо аҳаммияти калон пайдо мекунад.

Хатари иттилоотӣ ҳамчун амале ё иқдоме фаҳмида мешавад, ки метавонад боиси таҳрир, таҳриф ё истифодаи ғайриқонунии иттилоот, инчунин вайроншавии махфият, тамомият ва дастрасии маълумот гардад. Ҳамин тавр, хатарҳои иттилоотӣ натанҳо аз ҷиҳати технологӣ (тасодуфӣ ё барқасдона) балки аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва сиёсӣ низ аҳаммияти махсус доранд.»

Дар зербоби дуюми боби якум - **“Асосҳои методологии таҳқиқи хатарҳои иттилоотии муосир дар Тоҷикистон”** муаллиф хатарҳои иттилоотиро бо назардошти самти умумиашон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин навъҳо ҷудо намуда: - таҳдидҳо ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи ҳаёти маънавию иттилоотӣ, тафаккури инфиродӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ; - хатарҳо ба низоми таъмини иттилоотии сиёсати давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон; - хатарҳо ба таъмини абзорҳо ва низомҳои иттилоотиву коммуникатсионии дар ҳудуди мамлакат амалкунандаро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Ба андешаи муаллиф зимни таваҷҷуҳ ба хатарҳо ба низоми иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба он ки аз кадом манбаъҳо берун меоянд, метавон ба дохилӣ ва берунӣ ҷудо кард. Аз ҷумла, сарчашмаҳои хавфҳои иттилоотии беруна инҳоянд: - амали ташкилоту муассисаҳои сиёсиву иқтисодӣ, ҳарбиву иктишофӣ ва иттилоотии хориҷии ба муқобили манофеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти иттилоот нигаронидашуда; - шиддатёбии рақобатҳои байналхалқӣ барои соҳиб шудан ба захираҳо ва технологияҳои иттилоотӣ; - кӯшиши гурӯҳҳои террористии байналмилаливу минтақавӣ, ки ба вайрон кардани режими дунявӣ дар кишварҳои минтақа равона шудаанд; - таҳияи стратегияҳои ҷанги иттилоотӣ аз ҷониби як қатор давлатҳои хориҷӣ, ки эҷоди воситаҳои таъсиррасонӣ ба фазои иттилоотии дигар кишварҳо, инчунин дахолат ба кори мунтазами системаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ҳифзи дороиҳои иттилоотиро дар бар мегирад.

Боби дуюми рисола, ки **«Фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ: махсусият ва мушкилоти он»** номгузорӣ шуда, зербоби якум таҳти унвони **“Вазъ ва ҳолати фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ”** маҳз ба омӯзиши масъалаи таҳдидҳои иттилоотӣ ва киберӣ дар Осиёи Марказӣ бахшида шуда, ба як масоили стратегии сиёсати хориҷӣ ва амнияти миллӣ табдил ёфтааст. Ҷавоби муассир ба ин таҳдидҳо танҳо тавассути ҳамкории минтақавӣ, таҳияи заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ, омодасозии мутахассисон, баланд бардоштани саводнокии рақамӣ ва тақвияти инфрасохтори рақамӣ имконпазир аст. Танҳо бо истифодаи таҷрибаи мутақобила ва ҳамгироии сиёсӣ метавон аз паёмадҳои манфии ин равандҳо ҷилавгирӣ кард ва амнияти иттилоотии кишварҳоро таъмин намуд. Ҳамзамон оид ба фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ дар солҳои 2000-2020 маълумот дода шудааст. Дар зербоб қайд карда мешавад, ки рушди технологияи иттилоотӣ ҳам имкониятҳо ва ҳам таҳдидҳои ҷиддиро барои устувории сиёсӣ ва иқтисодии минтақа эҷод намуда, тақозои ҳамкории мустаҳкам ва истифодаи стратегияи самараноки иттилоотӣ барои таъмини амнияти иттилоотӣ ва рақамии кишварҳои минтақа мебошад.

Зербоби дуюми боби мазкур **«Кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо таҳдидҳои иттилоотӣ: равишҳо ва мушкилиҳои кишварҳо»** ном дошта, муаллиф, қайд мекунад, ки агар ба самтҳои асосии ҳамлаҳои кибертеррористӣ ва оқибатҳои эҳтимолии онҳо муфассалтар назар андозем, ба чунин андеша омадан мумкин аст. Нахуст дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилоот - ин метавонад рахна кардани махзани маълумотҳои давлатӣ ва низомиро барои ба даст овардани маълумоти махфӣ, дастрасӣ ба суратҳисобҳои бонкӣ бо мақсади дуздидани маблағ ё осеб дидани маълумоти шахсии шаҳрвандонро дар бар гирад, ки метавонад боиси талафоти молиявӣ, ифшои маълумоти махфӣ, осеб дидани обрӯ ва истифодаи маълумоти дуздидашуда барои ҷиноятҳои минбаъда, ба монанди тамаъҷӯӣ ё шантаж бошад. Киберҷинояткорони имрӯза усулҳои торафт мураккабтарро истифода мебаранд, аз ҷумла фишинг, муҳандисии иҷтимоӣ ва истисморҳои сифрӣ – осебпазириҳои ба таҳиягарони нармафзор номаълум.

Боби сеюми диссертатсия зери унвони **“Самтҳо ва дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ”** тартиб гардида, зербоби якуми **“Самтҳои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар роҳи муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ дар чаҳорчӯбаи иттиҳоди ҳамгароӣ (ИДМ ва СҲШ)”** ном гирифтааст. Зербоби мазкур ба таҳлил ва нишон додани

мушкилоти рушди ҳамкориҳои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар роҳи муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ дар чаҳорчӯбаи иттиҳоди ҳамгароӣ ба монанди ИДМ ва СҲШ бахшида шудааст.

Ҳамзамон, дар зербоби мазкур барномаҳо, стратегияҳо, консепсияҳо ва қонунҳои қабулнамудаи кишварҳои Осиёи Марказиро дар қаринаи ниҳодҳои ҳамгироии минтақавӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, таҳлили қиёсӣ низ намудааст.

Муаллиф дар диссертатсия як қатор масъалаҳоеро бо далелҳо ба ҳайси мушкилот нишон дода, ҷиҳати рафъи онҳо пешниҳодҳои мушаххасро ироа намудааст.

Зербоби дуюм **«Дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ»** ном дошта, муаллиф дар он дурнамои ҳамкориҳои байнидавлатии Тоҷикистонро бо кишварҳои минтақа вобаста ба татбиқи Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои дипломатияи иттилоотӣ нишон дода, махсусият ва афзалияти рушди ҳамкориҳо мавриди омӯзиш ва таҳлили илмӣ қарор додааст.

Ҳамчунин муаллиф баъд аз таҳлили дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ раванди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳоро дар даврони истиқлолият натиҷагирӣ намуда, тавсияҳо дар бораи истифодаи амалии натиҷаҳо пешниҳод намудааст. Ҳамзамон, муаллиф қайд мекунад, ки “Минтақаи Осиёи Марказӣ аз аввали асри XXI бо афзоиши хатарҳои иттилоотӣ рӯ ба рӯ шудааст, ки аз истифодаи ҷинояткоронаи технологияҳои иттилоотӣ ва ҳамлаҳои киберӣ маншаъ мегирад. Аз соли 2000 то соли 2022 шумораи истифодабарандагони интернет дар минтақа аз 113 ҳазор то беш аз 42 миллион нафар афзоиш ёфта, дастрасии аҳолӣ ба фазои рақамӣ дар ҳудуди 25% то 86% (масалан, дар Қазоқистон 86%, дар Туркманистон 25,3%) муқаррар шудааст. Ин омилҳо ҳамзамон имкониятҳо ва таҳдидҳои нави кибериро ба вуҷуд овардаанд.”

Дар хулоса натиҷаҳои асосии диссертатсияи дарҷ гардида, роҳҳо ва воситаҳои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказиро дар мубориза бо таҳдиду хатарҳои иттилоотии замони муосир, инчунин мушкилот ва дурнамои рушди ҳамкориҳои ҷонибҳо инъикос ёфтааст. Дар рӯйхати адабиёт тамоми сарчашма ва маводи истифодашуда гурӯҳбандӣ гардида, номгӯи онҳо дар рисола ба таври пурра оварда шудааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамалович дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст. Мавзуи интихобгардида кӯшиши аввалин дар ин самт буда, натиҷаҳои таҳқиқот барои

рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти мубориза бо таҳдиду хатарҳои иттилоотии замони муосир мусоидат хоҳад намуд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович ҳамчун кори илмии анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯй мебошад. Кори таҳқиқотӣ бо меъёрҳои забони далатӣ таълиф шуда, ороиши диссертатсия тағийротро талаб нҳмекунад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Фозилов Комрон Ҷамолович ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) мутобиқ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар бобҳои диссертатсия, хосса бобҳои якум, дуюм ва сеюм мувозинат андозавӣ риоя нашудааст. Хуб мешуд, агар муаллиф тавозуни ҳаҷми саҳифаҳоро дар зербобҳои бобҳои диссертатсия риоя мекард;
2. Дар матни диссертатсия муаллиф таҳлили муқоисавии равишҳои хатарҳои иттилоотӣ дар Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин кам ба назар мерасад, ки онҳо аъзои СҲШ мебошанд;
3. Муаллиф ҳангоми натиҷагирии аз ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти муқовимат бо таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ аз ҷадвалҳои муқоисавӣ ва диаграмаҳо истифода накардааст. Истифодаи чунин унсурҳои визуалӣ метавонад барои дарки амиқтар ва возеҳтари таҳлил муосидат намояд;
4. Дар қисми тавсияҳо роҳҳои муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ, асосан дар сатҳи умумӣ пешниҳод шудаанд. Хуб мешуд, агар

тавсияҳои ироагардида, ҳамчунин, дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба матраҳ мегардид;

5. Дар диссертатсия камбудиҳои истилоҳӣ ва имлоию техникӣ ба назар мерасанд.

Дар маҷмуъ эродҳои номбаргардида, ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқараргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Тартиб ва мазмуни дастнависи диссертатсия ва автореферати Фозилов Комрон Ҷамолович асосан ба талаботи муқарраршудаи тартиби омода намудани диссертатсияи илмии барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос мутобиқат менамояд. Вобаста ба ин, диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) барои рушд ва пешбурди сиёсати хориҷии Тоҷикистон аҳаммияти муҳим ва саривақтӣ дошта, ҳамзамон кори илмӣ-тахассусии бaанҷомрасида буда, дар он муқарраротҳи назариявӣ ва амалӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст, ки онҳо барои ҳалли мусбати як зумра масъалаҳо ва мушкилоти вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ ҷойдошта имконият медиҳанд.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи банди 62-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст ва бандҳои 74-77-79-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насридинзода М.Н. омода

шуда, дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, протоколи №4, аз 05 ноябри соли 2025 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 14 - нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 14 нафар, зид - нест, бетараф-нест.

**Раиси ҷаласаи васеи илмӣ-назариявӣ,**
**мудири кафедраи дипломатия ва**
**муносибатҳои байналмилалии**
**АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**номзади илмҳои таърих** **Алуев Анушервон Сайфидинович**

**Ташхисгар, дотсенти кафедраи**
**дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии**
**АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**номзади илмҳои таърих, дотсент** **Насридинзода Меъроҷиддин Насридин**

**Котиби ҷаласаи васеи илмӣ-назариявӣ,**
**номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи**
**дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии**
**АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Мамадазимов Абдуқаюм Абдуғаниевич**

**Имзои Алуев А.С., Насридинзода М.Н. ва Мамадазимов А.А. -ро**
**тасдиқ мекунам. Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ**
**ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Насурдинзода А.Н.**

05 11 соли 2025

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
кӯчаи Саид Носир-33, тел.: 224-17-86, факс: 224-89-45,
e-mail: info@apa.tj